БАРГУЗОРИИ ҶАЛАСАИ XX ШӮРОИ МАШВАРАТӢ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ОИД БА БЕҲТАР НАМУДАНИ ФАЗОИ САРМОЯГУЗОРӢ

12 феврали соли 2020 таҳти раёсати Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси Шӯрои машваратӣ оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷаласаи XX Шӯро баргузор гардид.

Дар ҷаласа масъалаҳои рафти иҷрои қарорҳои Шӯрои машваратӣ, натиҷаҳои таҳлили рушди кластерӣ дар соҳаи агросаноатӣ ва лоиҳаи рӯзномаи ҷаласаи ояндаи Шӯрои машваратӣ вобаста ба таҳлили иқтидори бахшҳои асосии соҳаи саноати кишвар мавриди баррасӣ қарор гирифт.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси Шӯрои машваратӣ оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷаласаи XX Шӯрои машваратиро оғоз намуда, қайд карданд, ки дар доираи фаъолияти Шӯро, дар самти беҳсозии фазои соҳибкориву сармоягузорӣ ислоҳоти назаррас амалӣ гардида, ҷиҳати ҳалли мушкилоти бахши хусусӣ як силсила қарорҳои дахлдори Шӯро ва Ҳукумати мамлакат қабул карда шуданд.

Ҳамзамон, амалисозии ислоҳоти иқтисодӣ дар самтҳои алоҳида, аз ҷумла ҷиҳати соддагардонии расмиёти маъмурӣ ва паст намудани хароҷоти соҳибкорон, таҳкими муколамаи давлат ва бахши хусусӣ дар сатҳи маҳал, баланд бардоштани масъулият ва арзёбии фаъолияти мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо дар самти ҷалби сармояи дохиливу хориҷӣ, дастрасии иҷозат барои сохтмон, пайвастшавӣ ба шабакаҳои барқ, таъсиси корхонаву коргоҳҳо ва ҷойҳои кории нав, инчунин тавсеаи корҳои фаҳмондадиҳӣ оид ба имтиёзҳои фароҳамовардаи Ҳукумати мамлакат муҳим арзёбӣ гардид.

Оид ба масъалаи якуми рӯзномаи ҷаласа, гузориши котиби масъули Шӯро, раиси Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон,

Ҳамрализода Фаррух қайд намуд, ки Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ якҷоя бо Котиботи Шӯрои машваратӣ раванди иҷрои қарорҳои Шӯро ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии тибқи онҳо қабулнамудаи Ҳукумати ҷумҳуриро таҳти назорат ва мониторинги доимӣ қарор дода, натиҷаҳои онро ба ҷаласаҳои Шӯро мунтазам пешниҳод менамоянд.

Пешвои миллат вобаста ба самарабахшии ислоҳот тавассути пайдарҳам пеш бурдани он, сари вақт амалисозии ҳадафҳои пешбинигардида, возеҳ эҳсос намудани таъсири мусбати ислоҳот аз ҷониби соҳибкорону сармоягузорон, инчунин ҳарчи зудтар бартараф кардани камбудиҳо дар раванди мувофиқасозии лоиҳаҳои нақшаи чорабиниҳо ва қарорҳои дахлдор, ки дар баъзе мавридҳо вақти зиёдро гирифта, ба татбиқи ислоҳот монеа мегардад, ибрози назар намуданд.

Тибқи банди дуюми рӯзномаи ҷаласа, вазири кишоварзӣ, Салимзода Амонулло вобаста ба натиҷаҳои таҳлил оид ба рушди кластерӣ дар соҳаи агросаноатӣ баромад карда, аз ҷумла лоиҳаҳои Консепсия ва Нақшаи чорабиниҳои Ҳукумати мамлакат ҷиҳати ташкили занҷираи арзиши иловашудаи маҳсулоти ниҳоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистонро муаррифӣ намуд.

Сарвари давлат иброз доштанд, ки Тоҷикистон кишвари аграрию саноатӣ буда, ба кишвари саноатию аграрӣ табдил додани он аз ҷумлаи ҳадафҳои стратегии Ҳукумати мамлакат мебошад. Яке аз роҳҳои амалисозии ҳадафи мазкур ташкил ва рушди занҷираи арзиши иловашуда то маҳсулоти ниҳоӣ дар бахши агросаноатӣ буда, метавонад ба беҳсозии таъмини аҳолии кишвар бо неъматҳои моддӣ, рушди мутавозини иқтисодӣ тавассути роҳу усулҳои мукаммали ташкили идоракунии равандҳои хоҷагидорӣ мусоидат намояд.

Оид ба масъалаи ниҳоии рӯзномаи ҷаласа, вазири саноат ва технологияҳои нав, Файзуллозода Заробиддин масъалаҳои таҳлили вазъи соҳаи саноати кишвар ва муайян намудани имкониятҳои нави баланд бардоштани иқтидорҳои соҳаро барои баррасӣ ба ҷаласаҳои ояндаи Шӯро манзур намуд.

Инчунин, раиси Шӯрои ҳамоҳангсозии шарикони рушд, роҳбари намояндагии Бонки ҷаҳонӣ дар Тоҷикистон, Ян Питер Олтерс,

роҳбари Бонки ҷаҳонӣ дар Тоҷикистон, Ян Питер Олтерс, роҳбари намояндагии Агентии Олмон оид ба ҳамкориҳои байналмилалӣ дар Тоҷикистон, Сабине Олтҳоф, роҳбари намояндагии Барномаи озуқаворӣ ва кишоварзии СММ дар Тоҷикистон, Олег Гучгелидев, узви Шӯро, роҳбари ҶДММ "Ресандаи Тоҷикистон", Равзабону Негматуллоева, роҳбари Ассотсиатсияи миллии истеҳсолкунандагони шир ва маҳсулоти ширӣ, Шомуродов Умед баромад карда, андешаҳои худро баён намуданд.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси Шӯрои машвараті муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷаласаро ҷамъбаст намуда, вобаста ба нуқтаҳои зикргардида ба вазорату идораҳо, масъулини дахлдор ва шарикони рушд дастуру супоришҳо ва тавсияҳои дахлдор доданд.

Дар баромад ва маърӯзаҳои манзургардида, аз ҷумла вобаста ба дастовардҳои зерин маълумот дода шуд:

- мавқеи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар арзёбии ҳисоботи "Пешбурди соҳибкорӣ"-и Бонки Умумиҷаҳонӣ дар байни 190 кишвари ҷаҳон дар қатори даҳгонаи давлати дунё ҳамчун ислоҳотгари пешсаф эътироф гардид ва мавқеи

худро 20 зина боло намуд *(Нақшаи чорабиниҳо оид ба беҳтар намудани нишондиҳандаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳисоботи «Пешбурди соҳибкорӣ» - и Бонки Ҷаҳонӣ барои солҳои 2019 – 2022, бо қарори Ҳукумати мамлакат 2 майи соли 2019 тасдиқ гардидааст);*

- 23 январи соли 2020 дуюм маротиба мақоми кишвар оид ба мутобиқат ба стандартҳои умумиҷаҳонии Ташаббуси шаффофияти соҳаҳои истихроҷ тасдиқ шуд *(рейтинги байналмилалии мазкур риояи талаботи истифодаи стандартҳои идоракунии самараноки захираҳои табиии кишварро бо мақсади таъмини имконияти иштироки баробари ҳамаи ҷонибҳои манфиатдор дар ин раванд баланд арзёбӣ менамояд, ки барои ҷалби*

сармояи мустақими ватанӣ ва хориҷӣ мусбӣ арзёбӣ мегардад);

- 22 ноябри соли 2019 таҳти раёсати муовини якуми Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷаласаи 1-уми фосилавии Шӯро баргузор гардида, барои таҳким бахшидани фаъолияти шуроҳои минтақавӣ оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузориву соҳибкорӣ, инчунин ҷалби бештари сармояи мустақим ба соҳаҳои афзалиятнок ба вазорату идораҳо ва мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ супоришҳои дахлдор дода шуд;

- муқаррарот оид ба тартиби ҷамъоварии маълумот вобаста ба истифодаи имтиёзҳои андозӣ, тартиби ворид ва хориҷ намудани имтиёзҳои андозӣ, ҳамкории мақомоти молия бо дигар вазорату идораҳо таҳия ва бо қарори Ҳукумати ҷумҳурӣ аз 27 ноябри соли 2019, №591 маъқул дониста шуд;

- дар заминаи омӯзиши таҷрибаи давлатҳои ҳамсоя ва шарикони асосии тиҷоратӣ лоиҳаи қарори Ҳукумати ҷумҳурӣ "Оид ба Тартиби баҳодиҳии самаранокии имтиёзҳои андозӣ ва гумрукӣ" таҳия гардид *(дар назар аст, ки пас аз ба тасвиб расидани он, заминаи ҳуқуқӣ ва механизми арзёбии самаранокии имтиёзҳо ҷорӣ карда шуда, ба роҳ мондани низоми муосири ҳавасмандгардонии соҳаҳои афзалиятнок фароҳам оварда шавад);*

- ҷиҳати иҷрои супориши Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо кормандони мақомоти молия, андоз, гумрук, сармоягузорӣ ва бонкҳо 10 майи соли 2019, инчунин дастуру ҳидоятҳояшон дар Паём ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 декабри соли 2019, бо Амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20 июни соли 2019 Гурӯҳи корӣ оид ба таҳияи лоиҳаи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири нав таъсис дода шуд *(дар назди Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ зергурӯҳ аз ҳисоби намояндагони бахши хусусӣ, ассотсиатсияи соҳибкорон, сармоягузорон, шарикони рушд ва коршиносони сатҳи миллӣ фаъолият намуда истодаст);*

- бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 марти соли 2019, №95 «Нақшаи чорабиниҳо оид ба амалӣ намудани 300 рӯзи ислоҳот ҷиҳати дастгирии соҳибкорӣ ва беҳтар намудани

фазои сармоягузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» тасдиқ ва мавриди амал қарор дода шуд *(нақшаи чорабиниҳо фарогири масъалаҳои таҳкими заминаи қонунгузорӣ дар бахши танзими фаъолияти соҳибкорӣ, баланд бардоштани малакаи касбии соҳибкорон, ҳавасмандгардонии истеҳсолкунандагон ва содироткунандагон, ҷорӣ намудани усулҳои нави пешбурди соҳибкорӣ, таҳвият бахшидан ба рушди муколамаи давлат ва бахши хусусию ҷалби сармоягузорӣ мебошад);*

- ҷиҳати ташаккули низоми ҳавасмандгардонии сармоягузорӣ ба зинаи таҳсилоти мактабӣ, миёнаи умумӣ, ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ (зербанди 5 банди 3 супориши протоколӣ) ва ҷалби фаъоли бахши хусусӣ ба соҳаи маориф бо ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси андоз, муҳлати татбиқи меъёри пасткардашудаи андоз аз арзиши иловашуда (5 фоиза) аз 1 январи соли 2019 то 31 декабри соли 2023 тамдид карда шуд *(тағйирот ба қисми 2, моддаи 181 Кодекси андоз) аз 19 июли соли 2019, №1644);*

- бо мақсади дастгирии фаъолияти соҳибкорӣ дар бахши сохтмон бо қарори дахлдори Ҳукумат аз 1 январи соли 2019 то 31 декабри соли 2023 барои иҷрои корҳои сохтмонӣ меъёри пасткардашудаи андоз аз арзиши иловашуда дар сатҳи 7 фоиз муқаррар карда шуд.

- лоиҳаи тағйиру иловаҳо ба Кодекси андоз ва Кодекси гумрук (банди 4 супориши протоколӣ) вобаста ба пешбинӣ намудани имтиёзҳо ба соҳаи моҳипарварӣ, ки барои соҳаи парандапарварӣ татбиқ мешаванд, таҳия ва бо қарорҳои дахлдори Ҳукумат аз 20 июни соли 2019 қабул гардид *(дар ин асос, субъектҳои хоҷагидорӣ дар соҳаҳои парандапарварӣ, моҳипарварӣ ва истеҳсоли хӯроки омехтаи паранда ва чорво ба муҳлати 6 сол аз пардохти андоз аз фоида (андози низоми содакардашуда), андоз аз арзиши иловашуда, андоз аз истифодабарандагони роҳҳои автомобилгард, андоз аз объектҳои ғайриманқул ва андози замин озод шудаанд. Ҳамчунин, тибқи тағйироти мазкур воридоти технологияву таҷҳизот ва мавод барои таъминоти соҳаҳои парандапарварӣ, моҳипарварӣ ва (ё) воридоти молҳо бевосита барои эҳтиёҷоти худи субъектҳои хоҷагидор дар соҳаҳои парандапарварӣ, моҳипарварӣ ва истеҳсоли хӯроки омехтаи паранда ва чорво аз пардохти андоз аз арзиши иловашуда озод мебошад);*

- Ҷиҳати аз байн бурдани такроршавии мавзӯъ ва масъалаҳои санҷишии мақомоти санҷишӣ ва дар ин замина кам кардани санҷишҳо лоиҳаи тағйиру иловаҳо ба Қонун "Дар бораи санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор" таҳия карда шуд, ки он аз 20 июни соли 2019, №1624 қабул ва мавриди амал қарор дода шуд.

- ба Қонун "Дар бораи буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2019" аз 8 октябри соли

2019 илова ворид гардида, воридоти чорвои хушзот ва гӯштӣ, инчунин ҳама намуди хӯроки чорво аз андоз аз арзиши иловашуда ва пардохтҳои гумрукӣ озод карда шуд;

- бо мақсади дастгирӣ ва рушди истеҳсолоти ватанӣ бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 июни соли 2019 "Тартиби аз андоз аз арзиши иловашуда ва боҷҳои гумрукӣ озод кардани воридоти ашёи хом барои коркард ва истеҳсоли маҳсулоти ниҳоӣ" ва "Номгӯи ашёи хоми дар кишвар истеҳсолшаванда" қабул карда шуд;

- бо қабули қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 ноябри соли 2019, №605 ҷиҳати ворид намудани тағйиру иловаҳо ба "Қоидаҳои андозбандии соҳибкорони инфиродие, ки бо патент ва шаҳодатнома фаъолият менамоянд" шахсони воқеӣ тибқи номгӯи намудҳои фаъолият оид ба истеҳсоли молҳои ниёзи мардум дар хона, аз 1 январи соли 2020 дар мақомоти андоз ба сифати соҳибкори инфиродӣ ройгон ба қайди давлатӣ гирифта шуда, аз пардохти андозҳо озод гардиданд *(ин тадбир барои муайян намудани мақоми ҳуқуқии соҳибкорони инфиродӣ ва таъмини дастрасии онҳо ба имтиёзҳои молиявӣ, қарзҳои ташкилоти молиявию қарзӣ ва хусусан бартараф намудани монеаҳои рушди фаъолияти ҳунармандӣ мусоидат менамояд);*

- бо назардошти омӯзиши таҷрибаи кишварҳои ҳамсоя ва шарикони асосии тиҷоратӣ, пешниҳодҳои коршиносони дохилию хориҷӣ, вазорату идораҳои дахлдор ва субъектҳои соҳибкорӣ аз ҷониби роҳбари гурӯҳи корӣ - Муовини якуми Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон 3 январи соли 2020, №141331 (23-6) тасдиқ карда шудааст;

- бо мақсади коҳиш додани сарбории андоз ба соҳибкорон лоиҳаи тағйиру иловаҳо ба Кодекси андоз ҷиҳати аз байн бардоштани меъёри 1%-и андоз аз фоида таҳия ва аз 2 январи соли 2020, №1676 қабул шуд;
- лоиҳаи тағйиру иловаҳо ба қонунҳо “Дар бораи боҷи давлатӣ” ва “Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ” таҳия, аз 02.01.2019, №1680 ва №1681 қабул карда шудаанд, ки ба аз байн бардоштани боҷи давлатӣ барои бақайдгирии субъектҳои соҳибкорӣ ва коҳиш додани хароҷоти ин расмиёт нигаронида шудааст.
- бо мақсади соддагардони расмиёти тиҷорати беруна дар доираи фаъолияти Кумитаи ҳамоҳангоз оид ба расмиёти савдо лоиҳаи тағйиру иловаҳо ба Кодекси гумрук оид ба ҷорӣ кардани консепсияи Оператори ваколатдори иқтисодӣ ва (ё) тоҷири соҳибэътимод таҳия ва аз 28 ноябри соли 2019, № 1518 қабул карда шуд;
- ҷиҳати дар муҳлатҳои кутоҳтарин баррасӣ намудани баҳсҳои алоҳидаи иқтисодӣ ва таъмини заминаи ҳуқуқӣ барои роҳандозии механизми алтернативии ҳалли баҳсҳо аз 2 январи соли 2019, №1650 ба Кодекси мурофиавӣ боби 121 мурофиаи фармонӣ илова гардид;

- дар ҳамкорӣ бо Бонки Умумиҷаҳонӣ бо мақсади шаффоф ва камхарҷ намудани ҷараёни гирифтани ҳуҷҷатҳои иҷозатдиҳӣ дар соҳаи сохтмон маркази “Равзанаи ягона” таъсис дода шуд, ки он ба тариқи реҷаи мустақим (онлайн) ба мизоҷон ва соҳибкорони шаҳри Душанбе хизмат мерасонад *(Дар назар аст, ки механизми ҷоришудаи низоми “Равзанаи ягона ба сарфаи 40%-и вақт, 74%-и хароҷоти зарурӣ барои гирифтани иҷозат барои сохтмон ва зиёда аз 700 ҳазор доллари ИМА дар натиҷаи риояи талабот аз ҷониби бахши хусусӣ мусоидат менамояд.);*
- Аз 1-уми марти соли 2019 қабули аризаи шаҳрвандон барои пешниҳоди шартҳои техникӣ ҷиҳати пайвастшавӣ ба шабакаи таъмини қувваи барқ дар реҷаи онлайн

- роҳандозӣ шудааст, ки тибқи он аризаи мурочиаткунанда давоми 10 рӯз баррасӣ карда мешавад. Инчунин аз ҷониби ҶСК «Шабакаҳои барқии шаҳри Душанбе» низоми огоҳинамоии муштариёни шаҳри Душанбе оид ба қатънамоии барқ бо сабаби иҷроиши корҳои нақшавии таъмирӣ тавассути сомонаи алоҳидаи ширкат роҳандозӣ гардида, зери назорати доимӣ қарор дорад.
- барои муайян кардани меъёри миёнаи шумораи қатъшавиҳои қувваи барқ ба як муштарӣ дар давоми соли тақвимӣ (SAIFI) ва меъёри миёнаи давомнокии қатъшавиҳо ба як муштарӣ дар давоми соли тақвимӣ (SAIDI) аз ҷониби ШСХК «Барқи Тоҷик», «Қоидаҳои муайян намудани нишондодҳои меъёрии нишондиҳандаҳои эътимоднокии таъминоти барқ» таҳия ва роҳандозӣ гардиданд;
- пешниҳоди шартҳои техникӣ оид ба пайвастшавӣ ба шабакаҳои барқӣ аз санаи 1 январи соли 2020 ба ҶСК «Шабакаҳои барқии шаҳри Душанбе» вогузор карда шудааст, ки барои бо риояи талаботи Равзанаи ягона дар муҳлати муқарраршуда пешниҳод намудани шартҳои техникӣ замина фароҳам меорад;
- 25-уми апрели соли 2019 портали электронии тиҷорати берунаи Вазорати рушди иқтисод ва савдо бо дастгирии БРСММ ифтитоҳ ёфт, ки дар он тамоми маълумоти зарурӣ оид ба расмиёт, ҳуҷҷатҳои зарурӣ барои содирот ва воридоти намудҳои муайяни молу хизматрасонӣ бо нишондоди маблағи расмӣ ва вақти зарурӣ барои анҷом додани расмиёт пешниҳод карда мешавад;
- бо дастгирии Бонки Осиёгии Рушд “Равзанаи ягонаи барасмиятдарории амалиёти содиротию воридотӣ ва транзитӣ” ба тариқи таҷрибавӣ (пилотӣ) ба кор шурӯъ кард.

Барои маълумоти иловагӣ оид ба ин мавзуъ, хоҳишмандон метавонанд ба Котиботи Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ бо телефони 44 601-60-27/28/29/30
ё нишонии электронии secretariat@investmentcouncil.tj, ҳамчунин ба сомонаи Котибот: www.investmentcouncil.tj. мурочиат намоянд